**Тақризи**

**муқарризи расмӣ Ҳафизов Абдунасир Абдукаримович ба кори диссертатсионии Садирова Сумайро Саидаҳмадовна дар мавзуи «Таъсири гардолудкунандаҳо ба пайдошавии унсурҳои ҳосил дар дурагаҳои гетерозисии пахта дар шароити водии Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Пахтапарварӣ муҳимтарин самти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикисон буда, зиёд кардани масоҳати майдонҳои кишт ва баланд бардоштани ҳосилнокии он яке аз ҳадафҳои муҳими стратегии Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад.

Селексияи пахта ҳамчун зироати худгардолудшавандаи факултативӣ самту равишҳои хоси худро дорад. Роҳҳои баровардани навъҳои нави пахта бисёрзина буда, вобаста ба шароиту иқлими ҳар як минтақаи пахтапарварӣ нигаронида мешавад. Ҳамчунин ҳосили зироати пахта аз рӯи истифодабарӣ гуногунпаҳлӯ буда, дар навбати селексияи он низ барои истеҳсоли нахи босифат, тухмиҳои босифат ва умуман барои ҳосилнокии баланди ҳар як гектар равона мегардад.

Дар ин вобастагӣ кори диссертатсионии Садирова Сумайро Саидаҳмадовна дар мавзуи «Таъсири гардолудкунандаҳо ба пайдошавии унсурҳои ҳосил дар дурагаҳои гетерозисии пахта дар шароити водии Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон» аҳамияти муҳими илмию амалӣ дорад. Диссертатсия аз 4 боб, муқаддима, тавсифи умумии кор, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳо дар ҳаҷми 160 саҳифаи чопи компютерӣ навишта шудааст, ки аз он ҷумла 27 ҷадвал, 1 расм ва рӯйхати адабиёт аз 222 адад иборат мебошад.

**Мубрамии мавзуи диссертатсия**. Афзун гардонидани истеҳсоли пахта ва баланд бардоштани ҳосилнокии он бо истифодаи навъҳои нав ва дурагаҳои гетерозисӣ талаботи истеҳсолоти кишоварзӣ ва саноати нассоҷӣ мебошад. Ба даст овардани тухмии дурагаҳои гетерозисии дохилинамудӣ ва байнинамудии пахта тавассути гардолудкунӣ бо истифода аз оилаҳои занбӯри асал аҳамияти илмию амалӣ дошта, муҳиммияти кори диссертатсияро ташкил менамояд.

Дар қисми тавсифи умумии кор максади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия ва ғайра тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** омухтани самаранокӣ ва рӯёнидани тухмии дурагаҳои гетерозисии пахта бо истифода аз гардолудкунанда – занбӯри асал, барои гардолудкунии дохилинамудӣ ва байнинамудии навъҳои пахтаи миёнанах ва маҳиннах ҷиҳати рӯёнидани тухмии дурагаҳои гетерозисиро дарбар мегирад.

**Вазифаҳои таҳқиқот** аз муайян намудани самаранокии гардолудкунии навъҳои пахта тавассути оилаҳои занбӯри асал ва дастӣ, баҳо додани нақши оилаҳои занбӯри асал дар гардолудкунӣ ҳангоми рӯёнидани дурагаҳои гетерозисии пахта, омӯзиш ва муайян намудани самараи гетерозис дар дурагаҳои дохилинамудӣ ва байнинамудӣ аз рӯйи аломатҳои пуркимати хоҷагидорӣ, гузаронидани таҳлили қиёсии генотипҳои муносиб бо мақсади интихоб барои ҷуфтикунонӣ, муайян намудани роҳҳои ҷалби оилаҳои занбӯри асал барои гардолудкунии пахта бо мақсади баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ дар истеҳсоли тухмии дурагаҳои гетерозисии пахта иборатанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** асосан дар он аст, ки бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз усулҳои мухталиф, занбӯри асалро дар гардолудкунии дохилинамудӣ ва байнинамудии навъҳои пахта барои ба даст овардани тухмии дурагаҳои гетерозисӣ истифода намуда, самаранокии иқтисодии занбӯргардолудкуниро дар истеҳсоли тухмиҳои гетерозисӣ муайян ва баҳогузорӣ намудааст.

Садирова С.С. аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқоти бисёромилаи худро барои гирифтани тухмиҳои гетерозисӣ бо усулҳои гуногуни гардолудкунии дурага нишондиҳандаи муҳим ҳисобида, баромади баланди тухмиҳои дурага бо гардолудкунии дастӣ аз ҷуфтикунии навъҳои Сорбон х 750-В – 36,6-39,7%, Сорбон х 9326-В – 45,6-48,5%, занбӯргардолудкунӣ бошад, дар ҷуфтикунии навъҳои Сорбон х 9326-В то 34,8% ва Сорбон х 750-В то 39,1% ташкил намудааст. Дар натиҷа вазни ҳосили як ғӯзаи пахта дар варианти занбӯргардолудкунӣ нисбати гардолудкунии дастӣ 0,4-0,5 г зиёд гардидааст, ки аҳамияти зиёди амалӣ дорад.

Аз рӯйи натиҷаи кори диссертатсионии Садирова С.С. 15 мақолаи илмӣ, ки онҳо мазмуни асосии диссертатсияро таҷассум мекунанд нашр гардидааст. Аз ин 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар конференсияҳои байналмилалии хориҷи кишвар ба нашр расидааст.

**Дар боби 1** таҳлили асосҳои назариявию амалии самаранокии гетерозис аз назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардида, хулосагирӣ шудааст, ки истифодаи амалии самараи гетерозис дар як қатор зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла сабзавотӣ омухта шуда, татбиқи амалии худро ёфтаанд. Аммо бинобар сабаби гаронии истеҳсоли

тухмиҳои гетерозисӣ ин раванд бо зироати пахта, ба хусус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар мавриди таваҷҷуҳи илмӣ қарор гирифтааст. Дар ин асос таҳқиқоти илмӣ дар самти ба даст овардани тухмии дурагаҳои гетерозисӣ тавассути занбӯргардолудкунӣ актуалӣ арзёбӣ мегардад.

**Боби 2** вобаста ба баҳодиҳии шароити хокию иқлимӣ ва усулҳои гузаронидани таҳқиқот бо назардошти таҷрибаҳои саҳроӣ дар хоҷагии деҳқонии ба номи «Бобои Муҳриддин»-и ноҳияи Кӯшониён дар шароити заминҳои кӯҳна обёришавандаи водии Вахш, дар хокҳои хокистарранги равшан ва марғзорию ботлоқӣ гузаронида шудааст. Гумуснокӣ дар қабати хоки шудгоршаванда ба 1,82% баробар гардида, таносуби нитроген 25,4 мг/кг, фосфор 14,8 мг/кг ва калий ба 205,0 мг/кг баробар гардидааст. Таҷрибаҳо барои гирифтани тухмиҳои дурагаҳо дар бригадаи №2 филиали Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон дар хоки хокистарранги равшан (гумус 0,99%, нитроген 7,0 мг/кг, фосфор 14,0мг/кг ва калий 178,0 мг/кг) гузаронида шуданд. Хоки майдончаҳои омӯзишӣ барои парвариши пахта мусоид буда, барои гирифтани ҳосили дилхоҳ ғизодиҳии иловагиро талаб менамояд. Ҷамъи ҳарорати фаъоли солона дар минтақаи омӯзишӣ дар солҳои 2015-2018 ба 3500-3800 °C баробар гардида, давомнокии давраи бесармо 310-320 рӯз, ҷамъи боришоти солона 380-570 мм баробар гардидааст.

Муаллиф оид ба баҳодиҳии таҷрибаҳои саҳроӣ доир ба занбӯргардолудкунии навъҳои пахта бо мақсади гирифтани тухмии дурагаҳо ду таҷрибаи алоҳида, дар ду қитъаи дурагакунонии дохилинамудӣ ва дурагакунонии байнинамудӣ гузоштааст. Барои роҳ надодан ба бисёргардолудшавӣ аз усули ҷудонигоҳдории навъӣ тавассути кишти ҷуворимакаи қадбаланди «Дилшод» истифода гардидааст. Кишт аз рӯйи нақшаи 60x20:1 гузаронида, ҳамасола дар давраи гулкунии пахта ба қитъаҳо бо таносуби 30 оила ба як гектар занбӯри асал оварда паҳн карда шудааст.

**Дар боби 3** унвонҷӯ аз омухтани имкониятҳои гардолудкунандагии занбӯрҳо, бо роҳи шиддатнок сохтани сергардолудкунии гулҳои пахта, бо мақсади ба даст овардани тухмиҳои дурагавӣ бо самари баланди гетерозис оғоз намуда, дар асоси додани баҳои қиёсии самаранокии вариантҳои занбӯргардолудкунӣ, дастӣ ва бошиддати навъҳои пахта аз рӯйи сифати нах ва ҳосилнокии пахта ба натиҷаҳои дилхоҳ расидааст.

Нишондоди шаҳдҷудокунии гулдонҳои гули пахтаро унвонҷӯ дар соатҳои аз 10 то 12 ба қайд гирифтааст, шаҳдонҳои беҳтарини дохилипумбакиҳо 65,1%, дар навъи 9326-В ва пастарин дар навъи Суғдиён-2, бо нишондоди 20,7% дарҷ гардидааст.

Тибқи мушоҳидаҳои унвонҷӯ, ки кори занбӯрҳои асалро омухтааст, онҳо ҳам аз шаҳддонҳои дохилипумбагӣ ва ҳам аз берунигулӣ шаҳд ҷамъ мекунанд, вале аксаран аз шаҳддонҳои дохилипумбагӣ истифода бурда, боиси гардолудшавии бештари гулҳо гаштаанд. Ҳамзамон довталаб дар кори илмии пешниҳодкардаи худ муқаррар намудааст, ки суръати равуои занбӯрҳо ба шаҳддонҳои дохилигулӣ ба хусусияти навъӣ алоқаманд аст. Дар навъи 9326-В аз 45,7 то 82,9% занбӯрҳо ба гулҳо равуокунанда ба ҳиссаи шаҳддонҳои дохилипумбакӣ рост омадааст.

Таҳқиқотҳои бисёрсолаи Садирова Сумайро Саидаҳмадовна нишон доданд, ки дар дурагакунии дохилинамудии навъҳои Суғдиён-2 х Сорбон ва Сорбон х Суғдиён-2 бо варианти занбӯргардолудкунӣ мутаносибан ҳосилнокии пахта 39,0-37,6 с/га, вазни як ғузаи пахта ба 5,6-5,8 г баробар гардида, дар дурагакунонии байнинамудии навъҳои Сорбон х 9326-В ба 37,7 с/га расидааст.

Дар навбати худ баромади нах дар дурагакунии дохилинамудӣ ҳангоми гардолудкунии дастӣ 35,2-35,6%, мустаҳкамии нах баробари 4,9 г.с. ва дар варианти занбӯргардолудкунӣ мутаносибан 35,3-36,6% ва 5,0-5,1 г.с-ро ташкил намуданд. Инчунин фоизи баланди неш зада баромади тухмиҳои дурага бо дурагакунии дастии навъҳои Сорбон х750-В ба 36,6-39,7%, Сорбон х 9326-В ба 45,6-48,5% баробар шуда, дар навбати худ бо оилаи занбӯри асал гардолудкунӣ - навъҳои Сорбон х 9326-В 34,7-34,8% ва Сорбон х 750-В 37,1-39,1%-ро ташкил намудааст.

**Боби 4.** Дар ин боб унвонҷӯ бисёр кори назаррасро ба анҷом расонидааст, ки яке аз он интихоби ҷуфти волидайни бо усули дурагаҳои дохилинамудии гетерозисии навъҳои Сорбон х Суғдиён-2 ва байнинамудӣ аз ҷуфтикунии Сорбон х 9326-В мебошад. Дар ин ҷо ҳосилнокии зиёда аз 40 с/га бо ба даст овардани даромади соф замина мегузорад, ки хоҷагиҳои пахтакор метавонанд ин усулҳоро васеъ истифода баранд.

Самаранокии иқтисодии истифодаи гетерозис ба таври гардолудшавии дастӣ бо зарари 2371 сомонӣ ҳисоб карда шудааст. Ҳангоми гардолудкунӣ бо оилаи занбӯри асал бошад, даромади соф дар 1 гектар то ба 7025 сомонию 78 дирам боло рафтааст.

Садирова С.С. натиҷаҳои асосии илмии диссертатсияро моҳирона хулосагирӣ карда, онҳоро бо 8 хулоса ва 2 тавсия ҷамъбаст намудааст. Дар баробари бартариятҳо дар кори диссертатсионӣ камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дар саҳифаҳои 9, 13, 17, 18, 20, 54 ва ғайра во мехуранд.
2. Дар кори диссертатсионӣ оид ба технологияи парвариши пахта ва талабот вобаста ба вариантҳои тадқиқот маълумот оварда нашудааст.

3. Дар замимаи диссертатсия маълумотномаҳо оварда шудаанд, ба монанди барои ҳаммуалифи навъи нави пахта, супоридани тухмиҳои гетерозисӣ, навъҳои волидайни дохилию байнинамудӣ ва расмҳои пахта дар саҳро, лекин дар диссертатсия дарҷ нагардидаанд.

4. Бо роҳи занбӯргардолудкунии пахта даромадҳои иловагӣ (асал ва мум) пешниҳод карда нашудаанд.

5. Дар тарҷумаи русии автореферат камбудиҳо ба назар мерасанд, ки муаллифро мебояд ба он таваҷҷуҳ зоҳир намояд.

Камбудию норасогиҳои баёншуда моҳияти илмию амалии кори анҷомдодашударо коста намегардонанд.

**Хулоса**

Натиҷаи ниҳоии таҳлили диссертатсия ба он водор менамояд, ки мавзӯи интихобгардида ва мақсаду вазифаҳои гузошташуда моҳияти илмию амалӣ ва иқтисодиро доранд.

Мазмун ва мундариҷаи автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба он мувофиқат намуда, таҳияи он мувофиқи талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26 ноябри соли 2016, № 505) иҷро гардидааст.

Диссертатсияи Садирова Сумайро Саидаҳмадовна дар мавзӯи «Таъсири гардолудкунандаҳо ба пайдошавии унсурҳои ҳосил дар дурагаҳои гетерозисии пахта дар шароити водии Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05– селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи агроэкология,
механиконӣ ва технологияҳои кишоварзии
Донишгоҳи давлатии Данғара,
номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Ҳафизов Абдунасир Абдукаримович

Тел: 934201005
E – mail: abdunasir.khafizov@mail.ru

Имзои Ҳафизов А.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Ҷабборӣ Н.

«15» 03 2023